# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва густариши иқтисодиёти рақамӣ, зери таъсири иттилооти рақамӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ сурат гирифта истодааст, муносибати инсонро ба иттилоот ба таври куллӣ дигаргун намуда, нақши миёнаравони иттилоотӣ дар муносибатҳои маданӣ ба таври назаррас меафзоянд. Платформаҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, хизматрасониҳои хостингӣ ва дигар воситаҳои рақамӣ ба воситаи асосии паҳн ва мубодилаи иттилоот табдил ёфтaа, дар ташаккули муносибатҳои ҳуқуқӣ миёни субъектҳо таъсири амиқ мерасонанд. Иттилоот на танҳо объекти муҳими рақобати иқтисодӣ, балки унсури муҳимми қобилияти ҳуқуқдорӣ, амалкунӣ ва волоияти ҳуқуқи инсон гардидааст. Дар ин замина, масъалаи муайян

намудани вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ, ҳудуди ҷавобгарӣ ва ҳуқуқҳои онҳо аҳаммияти махсус касб менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ равандҳои рақамисозӣ ва рушди инфрасохтори иттилоотӣ босуръат идома доранд. Бо вуҷуди ин, таҳлили қонунгузории амалкунанда нишон медиҳад, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти миёнаравони иттилоотӣ нокифоя буда, як қатор холигиҳо ва номуайяниҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд. Аз ҷумла, масъалаҳои марбут ба ҷавобгарии миёнаравон барои контенти паҳншуда, ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва таъмини тавозуни манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои рақамӣ то ҳол ба таври комил ҳаллу фасл нагардидаанд.

Ҳамзамон, таҷрибаи байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки танзими дақиқи фаъолияти миёнаравони иттилоотӣ омили муҳимми таъмини амнияти иттилоотӣ, рушди иқтисоди рақамӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин рӯ, зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар доираи ҳуқуқи маланӣ ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аввалин таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнаравҳои иттилоотӣ мувофиқи қонунгузории ҶТ ба шумор меравад. Дар рисола тамоми ҷанбаҳои танзими ҳуқуқии вазъи миёнарави иттилоотӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар ҷараёни таҳқиқ як қатор масъалаҳо баррасӣ гардиданд, ки дар илми ҳуқуқи муосир нав ҳисобида мешаванд. Якум, мафҳуми иттилоот ва хусусиятҳои хоси миёнарави иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дуюм, вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар замони муосир мавриди

омӯзиш қарор гирифт. Сеюм, хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқи мадании миёнарави иттилоотӣ таҳлилҳои ҳамаҷониба шуд.

Натиҷаи илмии дар ҷараёни кор бадастовардашуда тасаввуроти назариявиро дар бораи ин соҳа васеъ намуда, имкон медиҳанд, ки масъалаҳои нави марбут ба масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ баррасӣ карда шаванд. Муаллиф чунин мешуморад, ки истифодаи назариявӣ ва амалии донишҳои гирифташуда барои таъмини фаъолияти қонунии миёнарави иттилоотӣ дар ҶТ имкониятҳои асосии воситаи ҳуқуқи маданиро ошкор карда, саҳми муҳимми миёнарави иттилоотиро ифода менамояд (саҳ. 10-11).

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Миёнарави иттилоотӣ – шахсест, ки мустақиман бо иттилоот ё маводҳо ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои аз ҷониби шахсони дигар дар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бавуҷудомада, фаъолият мекунад, инчунин хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ мерасонанд, аз номи хеш амал мекунад ва фаъолияти худро дар асоси иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ анҷом медиҳад. Дар ҶТ ин шахсон операторони алоқаи мобилӣ ва интернет-провайдерон буда, дар шакли ҷамъиятҳои хоҷагӣ фаъолият доранд.

2. Хизматрасонии миёнарави иттилоотӣ ҳамчун қоида музднок аст, аз маҷмуи амалҳои муайян иборат буда, ба мазмуни уҳдадориҳои миёнаравони иттилоотӣ мутобиқ мебошанд. Ба сифати мавзуи чунин хизматрасонӣ маҳз иттилооти рақамӣ баромад мекунад. Иттилооте, ки тавассути шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ миёнарав дар асоси ташаббус ё дар асоси дархости истифодабарандаи хизматрасонии алоқаи барқӣ мефиристад, қабул мекунад, нигоҳ медорад ва ҷиҳати мусоидат барои иштирок дар бозори итттилооти рақамӣ хизмат мекунад.

3. Ҳуқуқвайронкунии миёнарави иттилоотӣ кирдори (амал ё беамалии) ғайриқонунии ӯ, шахсони мансабдори ӯ, инчунин мансабдорони масъули Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ эътироф мешавад, ки ба иҷро нагардидан ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани шартҳои иҷозатнома, меъёрҳои қонунгузорӣ ва талаботҳои шартнома оварда расонидаанд. Аз ҷониби миёнарави иттилоотӣ, шахсони мансабдори онҳо ва шахсони ваколатдор ва масъули Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ содир шудани ҳуқуқвайронкунии соҳавӣ боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузории ҶТ мегардад.

4. Аз рӯйи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ҷамъиятҳои хоҷагӣ миёнаравони иттилоотӣ бояд, ки қобилияти ҳуқуқдории умумӣ дошта бошанд, аммо мазмуни ин қобилият бо гирифтани иҷозатномаи алоқаи барқӣ мушаххас гардонида шудааст. Онҳо наметавонанд дар ин соҳа ба ҳама намуди хизматрасонӣ машғул шаванд. Яъне қобилияти ҳуқуқдории миёнарави иттилоотӣ на аз рӯйи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии он, балки аз рӯйи шумораи иҷозатномаи ӯ муайян карда мешавад (ultra vires).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Тамоми дастовардҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Бояд иброз намуд, ки муаллиф андешаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ низ барои хонандагон манзур намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти рисола, махсусан нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асоси кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти рисоларо корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳад. Асосҳои методологии таҳқиқоти рисоларо усулҳои диалектикии дарк, усулҳои

умумиилмӣ ба монанди таҳлил, синтез, ҷамъбаст, инчунин усули таҳлили қисматҳо, усули мушоҳида ва тафсири бевосита ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Таҳқиқот ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, такмил додани қонунгузории маданӣ мусоидат менамояд, ки барои рушди иқтисодии Тоҷикистон ва афзоиши сармояи хориҷӣ аҳамияти калон дорад.

Махсусан, муаллиф нуқтаҳои муҳимро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ асос мегузорад. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳаммияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар раванди таълим ҳангоми машғулиятҳои дарсӣ аз фанни ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқҳои зеҳнӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ истифода бурд. Инчунин маводҳои диссертатсионӣ метавонанд зимни таҳқиқоти дигари илмӣ, ки ба мавзуи миёнаравӣ итиллоотӣ дар ҳуқуқи маданӣ, мавриди корбарӣ қарор гиранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнаравии иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», муаллиф корҳои муҳимми илмӣ анҷом дода, натиҷаҳои онро дар шакли мақолаҳои илмӣ мунташир намудааст. Муаллиф дар маҷмӯъ 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тасдиқшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнаравии иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии

хусусӣ ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи банди 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссетратсия.** Диссертатсияи мазкур вобаста ба ном ва накшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва руйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 3 боб, 6 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 184 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

Дар боби аввал – “**Миёнарави иттилоотӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи маданӣ**” масъалаҳои зерин баррасӣ карда шудаанд: мафҳуми иттилоот ва миёнарави иттилоотӣ; таносуби вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ ва дигар миёнаравҳо дар муомилоти маданӣ; намудҳои миёнарави иттилоотӣ.

Муаллиф дар боби дуюм – “**Вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**” чунин масъалаҳоро таҳлил намудааст: қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии миёнарави иттилоотӣ; ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии миёнарави иттилоотӣ.

Дар боби сеюм – “**Ҷавобгарии ҳуқуқи мадании миёнарави иттилоотӣ**” масъалоҳои зерин баррасӣ карда шудаанд: моҳияти ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқи мадании миёнарави иттилоотӣ.

Сарфи назар аз арзёбии мусбати баёншуда дар тақриз, дар диссертатсияи мазкур баъзе нуқсонҳо, нуктаҳои баҳсталаб мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба мавридҳои зерин ишора кард:

1. Диссертант дар мубрамияти мавзӯи таҳқиқот қайд менамояд, ки "Иттилоот на танҳо объекти муҳимми рақобати иқтисодӣ, балки унсури муҳимми қобилияти ҳуқуқдорӣ, амалкунӣ ва волоияти ҳуқуқи инсон гардидааст". Ба мо равшан нест, ки чи гуна иттилоот унсури муҳимми қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкуниро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, аз муаллиф пурсида мешавад, ки чунин иброзро шарҳ диҳад.

2. Аз муаллиф пурсида мешавад, ки барои дуруст ҳал кардани масъалаҳои дар оянда ба вуҷуд меомада, ҳуқуқдорҳои барномаҳои мобилӣ ба монанди WhatsApp и Telegram ва ғ. ба кадом намуди миёнарави иттилоотии дар м. 1251 КМ ҶТ пешбинишуда шомил шуда метавонанд?

3. Дар зербоби 1.3 диссертант намудҳои миёнарави иттилоотиро баррасӣ намуда, ба сифати он бақайдгирандаи номи домениро қайд намудааст. Дар ин робита аз муаллиф хоҳиш карда мешавад ки ҳолатҳои мушаххасро баён намояд, ки дар онҳо чунин бақайдгиранда ҳамчун миёнарави иттилоотӣ баромад менамояд.

Камбудиҳои зикршуда хусусияти умумӣ дошта, ба нуқтаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмйи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, тасдиқ шуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни

соли 2021, № 267, мутобиқат дорад. Муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон Д А. Сидиқов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нусратулло Махсум, Бинои 71/1, хонаи 27. Тел.: (+992) 918-97-19-91. E-mail: sidiqov.dilshod@mail.ru

«Имзои Д.А. Сидиқов – ро тасдиқ мекунам»
Сардори Раёсати кадрҳои
Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон М.Н. Исмаилова

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30, Тел.: (+992 237) 227 67 40. E–mail: kafedra.grazhdanskaya@mail.ru 06. 05. 2026